**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи Салимиён Озар Саидзод дар мавзӯи «Таҳқиқ ва баррасии мафҳуми ғам ва авомили ғамбарангез дар маснавиҳои Бедил» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик.**

Салимиён Озар соли 1998 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Баъди хатми донишгоҳ як муддат дар факултаи филологияи тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав ба ҳайси омӯзгори фанҳои таърихи адабиёти тоҷик, назмшиносӣ ва тафсири шеър фаъолият кардааст. Давоми солҳои 2009-2012 дар шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Бохтар (Қӯрғонтеппа) ба номи Носири Хусрав аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – адабиёти халқҳои мамолики хориҷӣ (адабиёти тоҷик) таҳсил намудааст.

Салимиён Озар аз муваффақтарин шоирони муосири тоҷик буда, ба ҷоизаҳои гуногуни адабӣ, аз ҷумла Ҷоизаи адабии ба номи Мирзо Турсунзода ва Ҷоизаи адабии ҳавзаи шоирони форсзабон - «Килки заррин» мушарраф гардидааст. Мавсуф айни замон вазифаи котиби масъули бахши бохтарии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро ба зимма дорад, ҳамзамон диссертант сардабири маҷаллаи «Мактаб»-и Раёсати маорифи вилояти Хатлон мебошад.

Ҳадафи таҳқиқоти анҷомдодаи Салимиён Озар таҳқиқ ва баррасии мафҳуми ғам ва авомили ғамбарангез дар маснавиёти Бедил буда, унвонҷӯ барои мувофиқи талабот иҷро намудани вазифаи мазкур кӯшишҳои қобили таҳсин анҷом додааст. Бо вуҷуди он ки мавзӯи рӯзгор ва вижагиҳои осори Бедил аз ҷониби муҳаққиқони дохилу хориҷи мамлакат борҳо мавриди таҳқиқу пажӯҳиш қарор гирифтааст, кам муҳаққиқе ба мафҳуми ғам дар осори ӯ таваҷҷуҳ кардааст. Умуман, ин мафҳуми мустаъмал ва густардаи шеъри форсӣ, тавре донишманди фақид, устод Худоӣ Шарифзода низ бо таассуф қайд кардаанд, аз назари муҳаққиқони тоҷик дур монда, назари дақиқбину нигоҳи тозаеро

хостгор буд. Ҳамин омил муҳиммияти мавзӯъ ва зарурати таҳқиқи онро собит менамояд.

Ба ҳамин тартиб, диссертатсияи Салимиён Озар ба яке аз мавзӯоти наву дастнохӯрда дар адабиётшиносии тоҷик бахшида шуда, барои бисёр корҳои илмие, ки минбаъд дар доираи ҳамин мавзӯъ карда мешаванд, ҳамчун сарчашмаи хуби илмию назариявӣ хидмат хоҳад кард.

Дар ҷараёни навиштани диссертатсия Салимиён Озар худро ҳамчун муҳаққиқи пухтакору ҷӯянда ва огоҳ аз масоили меҳварии таърих ва назарияи адабиёти классикии форс-тоҷик, роҳу усулҳои таҳқиқии адабиётшиносии муосир ва меъёрҳои таҳқиқи осори адабӣ нишон дода тавонист. Ӯ дар баробари истифодаи афкори илмӣ-назариявии ва таҷрибаи адабиётшиносони соҳибноми тоҷик ба андешаву назароти муҳаққиқони барҷастаи хориҷӣ низ такя карда, кори хуб ва ба талабот ҷавобгӯи илмӣ таълиф намудааст.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Салимиён Озар дар мавзӯи «Таҳқиқ ва баррасии мафҳуми ғам ва авомили ғамбарангез дар маснавиҳои Бедил» дар сатҳи хеле хуби илмӣ-таҳқиқотӣ анҷом ёфта, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик тавсия дода мешавад.

**Доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав:** [signature] 10.10.2025 **Тағоймуродов Р.Ҳ.**

**Имзои Р.Ҳ. Тағоймуродовро тасдиқ менамоям.**
**Сардори ШК ДДБ ба номи Носири Хусрав:** [signature] **Амиршоев А.**

ШУЪБАИ КАДРҲО